**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи соҳибкорӣ – танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд бахшида шудааст. Агарчанде ки масъалаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкорӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба таври васеъ дар корҳои илмии олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошад ҳам, аммо танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли маҷмӯӣ аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди таҳқиқи диссертатсияи илмӣ қарор дода нашудааст. Аз ин ҷо диссертатсияи мазкур аввалин кушиш дар ҷодаи таҳқиқи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд мебошад.

Бояд қайд намоем, ки барои рушди соҳибкорӣ, аз чумла соҳибкории хурд дар сатҳи Конститутсия (м.12) ва дигар санадҳои қонунгузорӣ кафолати давлатии фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусӣ  дода шудааст. Ҳамзамон барои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд дар Тоҷикистон дар консепсия ва барномаҳои давлатӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳамаи ин дар навбати худ зарурияти таҳқиқоти илмиро оид ба проблемаҳои раванди ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд, муқаррар намудани маҳаки ворид намудани субъекти соҳибкорӣ  ба субъектҳои соҳибкории хурд, муайян намудани

мафҳум ва аломатҳои фаъолияти ҳунармандӣ, ҳамчун як навъи соҳибкории хурд, дастгирии давлатии он ва ғ. талаб меамояд.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки агарчанде ҳолати ҳуқуқии аксарияти субъектҳои соҳибкории хурд дар қонунгузорӣ муқаррар карда шуда бошад ҳам, вале амалияи ҳозираи ҳуқуқӣ зарурияти баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии соҳибкории хурдро бо сабаби ноустуворӣ ва номукамалии қонунгузории амалкунанда тақозо менамояд. Аз ҷумла, таъмини мувозинати манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ дар доираи танзимӣ соҳибкории хурд, ҳалли проблемаҳои танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқии ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳо ҷиҳати рушди соҳибкории хурд, набудани низоми самараноки дастгирии давлатӣ, аз ҷумла механизми дастгирии молиявӣ, молумулкӣ барои рушди соҳибкории хурд ва ғ. Барои ҳамин ҳам мубрамияти проблемаҳои зикршуда асос барои таҳқиқоти диссертатсия дар мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таҳлили муносибати назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян кардани маҳаки субъектҳои соҳибкории хурд дар Тоҷикистон ва таҷрибаи байналмилалӣ ба диссертант имкон дод ба хулоса ояд, ки асос барои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд бояд муносибати омехта бошад, ки дар худ аломатҳои миқдорӣ ва сифатии тааллуқ доштани субъектро ба субъекти соҳибкории хурд ифода намуда, барои то дараҷае ба таври пурра ва объективона кушодани моҳияти ташкилӣ-иқтисодии соҳибкории хурд ҳангоми барасмиятдарории ҳуқуқии он мусоидат намояд ва ба ягонагии равиши инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Бо дарназардошти ҳамин пешниҳод намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таҷрибаи умумуэътирофшудаи байналмилалӣ оид ба шумораи кормандони бо шуғл фарогирифта пурра карда шавад.

Таҳлилҳои муаллиф, оид ба он ки фаъолияти ҳунармандӣ – як навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд оид бо тарзи дастии истеҳсолот ё ин ки бо истифодаи воситаҳои механикони хурд дар асоси истифодаи

малакаи касбии эҷодӣ ва маҳоратнокии касбии истеҳсолӣ ё таъиноти ороишотии дорои хусусияти муқарраршудаи инфиродии муайян мебошад, мубрам арзёбӣ мегарданд. Ба аломатҳои фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд муаллиф хусусияти касбӣ доштан, истифодаи меҳнати дастӣ ва воситаҳои механиконии хурд дар ҷараёни истеҳсолот ва инфироди будани маҳсулоти истеҳсолкардашударо дохил менамояд.

Масъалаи дигаре, ки диссертант диққати худро дар диссертатсия ба он ҷалб менамояд гирифтани кредити (қарзи) бонкӣ аз ҷониби соҳибкорони хурд мебошад. Қайд менамояд, ки бо сабаби таъминоти зарурииро пешниҳод карда натавонистани қарзгирандагон ва мавҷудияти дараҷаи баланди таваккал барои баргардонидани кредит, надоштани захираҳои зарурии молиявӣ ташкилотҳои кредитӣ барои додани қарз ба соҳибкорони хурд монеа эҷод менамоянд. Аз ин ҷо барои рушди соҳибкории хурд дар Тоҷикистон диссертант пешниҳод менамояд, ки тавассути ҷалби давлат, бахши хусусӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва байналмилалии молиявӣ, яъне дар шакли омехта таъсис ва рушд додани фондҳои замонатӣ ва қабули Қонуни ҶТ "Дар бораи фондҳои замонатӣ”-ро мувофиқи мақсад мешуморад.

Андешаҳои боло навгонии илмии диссертатсияро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи он нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ мустаҳкам карда шуда, қисмате аз онҳо дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 10-16-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳлилӣ, асоснок намудани фикру ақида ва мавқеи шахсии хешро доро мебошад, ки ҳамаи онҳо барои пурра ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор додан ва дар ин замина, ҷамъбаст намудани таҳқиқоти мавзӯи диссертатсионӣ мусоидат намудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳи дониши мукаммал ва васеи назариявию амалӣ доштани унвонҷӯ доир ба ихтисоси интихобкардааш мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя омода буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** узви вобастаи Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби
илм ва техникаи Тоҷикистон Раҳимзода М.З.

Имзои Раҳимзода М.З.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшинсӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Кучарова Б.Д.